!!!

# Маро пайравӣ кун

## Китоби дарсӣ

Нашри аввал, 2013

**Тим Грин**

Дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир бо иштироки Lulu.com соли 2013
нашр карда шудааст

Ҳуқуқҳои муаллиф © Tim Green 2013.  Тамоми ҳуқуқҳо сабт шудаанд.

Хонандагон метавонанд, ки то ду дарси ин китоби дарсиро бо воситаи нусхабародорӣ ё намуди электронӣ ба миқдори номаҳдуд нашр кунанд. Барои дастрас кардани беш аз ду дарс ё барои гирифтани курси пурра дар шакли pdf, лутфан, ба муаллиф бо адреси comefollowmecourse@gmail.com. алоқа кунед.

ISBN 978-1-291-41136-2

*Ба он касоне бахшида мешавад, ки барои бунёди ҳаёти нав дар Масеҳ ва пайдо кардани мавқеи худ дар ҷамоати Ӯ кӯшиш мекунанд ва новобаста аз нофаҳмӣ ва рад кардани онҳо, ба оила ва муҳити пештараи худ ғамхорӣ зоҳир карданро давом медиҳанд.*

Лутфан, дар аввал ин маълумотро хонед.

Курси *Маро пайравӣ кун* барои он касоне тартиб дода шудааст, ки пайравӣ кардани Масеҳро сар кардаанд. Мақсади курс ин кӯмак кардан баҳри устувор гардонидани имон ва мавқеи онҳо дар ҷамоати Ӯ мебошад.

Илтимос, ин курсро мустақилона наомӯзед; ин тарзи омӯзиш ба шумо фоидаи калон намедиҳад. Ба ивази ин, пайрави ботаҷрибаи Масеҳро пайдо кунед, ки ба шумо дар омӯзиши ин курс ҳамчун муаллим кӯмак расонида тавонад. Баъд аз тайёр кардани супориши хонагии ҳар як дарс бо муаллими худ вохӯред. Фаҳмишҳои худро оиди дарс ва чӣ тавр дар ҳаёт татбиқ кардани онро якҷоя муҳокима кунед. Дар бораи ҳалли мушкилиҳои зиндагии худ аз муаллим маслиҳат пурсед. Шумо якҷоя дуо карда, якдигарро дар Исои Масеҳ устувор гардонида метавонед.

Агар ин курсро дар якҷоягӣ бо гурӯҳи имондорон омӯзед, фоидаи калон гирифта метавонед.

Агар шумо муаллими курси *Маро пайравӣ кун* бошед, пас Дастурамалеро, ки барои муаллим тартиб дода шудааст, пайдо кунед. Дар он чӣ тавр истифода бурдани ин курс нишон дода шудааст. Ҳамчунин дар он оиди принсипҳои роҳбарӣ дар кори шогирдсозӣ ва тарзи гузаронидани муҳокимарониҳо дар гурӯҳ маълумот дода шудааст. «Маслиҳатҳо оид ба маданият» ба шумо барои фаҳмида тавонистани мавзӯҳои ин курс ёрӣ мерасонанд. Дар ҳар як дарс барои гузаронидани муҳокимаронӣ саволҳои алоҳида пешниҳод карда мешаванд. Ҳамин тариқ, Дастурамал барои муаллим ба шумо ёрдами калон расонида метавонад. Шумо, ба суроғаи зерин дархост фиристода, нусхаи электронии онро дар шакли pdf ва ё дар шакли китоб ба воситаи сайти зерин харида метавонед:
www.lulu.com/shop/tim-green/come-follow-me-advisors-guide/paperback/product-21409862.html

Лутфан, хулосаҳои худро оиди самаранокии ин курс ва ҳамчунин маслиҳатҳои худро барои беҳтар кардани он ба ман фиристонед. Саволҳои баҳогузорандаро, ки дар саҳифаи охирини ин китоб дода шудаанд, истифода баред ё бо суханони худ нависед. Ҳамчунин шумо барои гирифтани маълумот оиди чунин курсҳо, ки пас аз курси додашуда меоянд, бо ман маслиҳат карда метавонед. Агар оиди маводҳои муфид ( аз интернет ва ё дар шакли видео-аудио) пешниҳод дошта бошед, лутфан бо ман маслиҳат кунед. Ҳама гуна пешниҳодҳо қабул карда мешаванд.

Ташаккур! Тим Грин comefollowmecourse@gmail.com

# Мундарича


| | Дарс | Саҳифа |
|---|---|---|
| | *Дастурамал барои хонандагон* | Vi |
| 1 | Пайравӣ кардани Масеҳ | 7 |
| 2 | Ҳаёти нав дар Масеҳ | 14 |
| 3 | Худо Падар | 21 |
| 4 | Итоат ба Масеҳ бо қуввати Рӯҳи Ӯ | 27 |
| 5 | Сӯҳбат бо Худо | 34 |
| 6 | Каломи Худо барои мо | 41 |
| 7 | Аъзоёни ҷамоати Масеҳ | 48 |
| 8 | Аъзоёни ду ҷамъият | 55 |
| 9 | Сабабҳои таъқибот | 62 |
| 10 | Чӣ тавр мо бояд нисбат ба дашномҳо ва таъқибот рафтор кунем? | 69 |
| 11 | Шавҳарон ва занон | 76 |
| 12 | Ҳалли мунокишаҳо | 84 |
| 13 | Шаҳодат | 93 |
| 14 | Маросими таъмид бо об | 101 |
| 15 | Роҳи рост | 108 |
| 16 | Шариати муҳаббат | 115 |
| 17 | Рӯзадорӣ ва ушру ионат | 122 |
| 18 | Толеъ ва сеҳру ҷоду | 130 |
| 19 | Хидмат ба якдигар | 138 |
| 20 | Сафари мо ба осмон | 146 |
| Замимаи 1 | Вақти ҳаррӯзаи ман бо Худо | 154 |
| Замимаи 2 | Чӣ тавр ба Худо расида метавонем? | 156 |
| | Хулосаҳо, шарҳу эъзоҳҳо | 158 |

# Дастурамал барои хонандагон

**1**

***Марҳабо ба курс!***
Он ҳаррӯза барои пайравӣ кардани Масеҳ ба шумо ёрӣ мерасонад. Ман муаллими шумо мебошам ва дар ин ҷо пешниҳодҳое оварда мешаванд, ки барои самаранок омӯхтани курс ба шумо кӯмак мекунанд



**2**

Ин курсро мустақилона наомӯзед; чунин тарзи таълим ба шумо муфид нахоҳад буд. Лутфан, пайрави ботаҷрибаи Масеҳро пайдо кунед, то ки ба ҳайси муаллим ба шумо кӯмак кунад. Пас аз омӯзиш дар хона, бо муаллими худ ва ҳамчунин шахсоне, ки ба омӯзиши ин курс машғуланд, барои муҳокимаронӣ вохӯред.

**3**

Ва муҳимтар аз ҳама, ин дарсҳоро ҳар рӯз дар амал истифода баред! Ҳар як дарс «Супориши амалӣ» дорад ва шумо бояд онро дар давоми ҳафта иҷро кунед.

1. Ҳар як саволро бодиққат хонед.

2. Ҷавоби худро бо аломати ✓ дар ҷойҳои холӣ қайд кунед.

3. Пас аз навиштан ҷавобҳои худро шумо метавонед бо ҷавобҳое, ки дар охири дарс навишта шудаанд, муқоиса кунед.

4. Пас аз тайёр кардани дарс, барои такрор кардани нуктаҳои муҳим, хулосаи дарсро аз назар гузаронед.

5. Дар баъзе саволҳо ҳангоми муҳокимаронӣ баён кардани фикри шахсии худ талаб карда мешавад. Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо ба чунин саволҳо ҷавоб додаед ва барои муҳокимаронӣ кардани он тайёр ҳастед.

6. Барои панҷ дарси аввал ба шумо фақат ҳамин китоби дарсӣ лозим мешавад. Аз дарси шашум сар карда, ҳамчунин ба шумо нусхаи шахсии Китоби Муқаддас лозим хоҳад буд. Дар ин курс мо асосан тарҷумаи шарқии Китоби Муқаддасро истифода хоҳем бурд, вале шумо тарҷумаи дигарро низ истифода бурда метавонед. Китоби Муқаддас тарҷумаҳои гуногун дорад, вале сарчашмаи ҳамаи онҳо ҳамон як матни аслӣ мебошад. Матни аслӣ дигар карда намешавад.

7. Дар тамоми дунё бисёр пайравони Исои Масеҳ ҳастанд, ки асли баромадашон ба монанди шумо мебошад. Баъзе аз онҳо одамони саводноканд, ва баъзеи дигарашон камсавод мебошанд. Ин курс ба таври содда навишта шудааст, то ки одамони камсавод низ онро фаҳмида тавонанд. Барои мо шояд чунин тарзи таълим хеле содда метобад, вале муҳим он аст, ки оё шумо ба мӯҳтавои он дар зиндагии худ итоат мекунед ё не. Барои Худо аз дониш дида, итоати шумо бисёртар муҳим аст. Агар шумо ба ин таълим итоат кунед, барои шумо хеле муфид хоҳад буд.

8. Фаромӯш накунед, ки муаллим барои ёрӣ додан ба шумо вақти қиммати худро сарф мекунад. Супориши хонагиро пурра иҷро карда, ва дар вақти муайяншуда барои муҳокимаронӣ кардани мавзӯъ ба вохӯрӣ омада, ба ин шахс эҳтиром нишон диҳед.

*Акнун бо ёрдами Худо биёед дарсро сар мекунем!*

# Дарси 1 Пайравӣ кардани Масеҳ



**Мазмуни ҳаёти мо**

Ду мард сӯҳбат мекунанд. Яке аз онҳо мегӯяд: «Ман боварӣ дорам, ки Худо маро бо он мақсад офарид, ки ба фармудаҳои Ӯ итоат кунам. Ӯ паёмбаронро фиристод, ки ба ман Роҳи Ростро нишон диҳанд. Агар ман ин роҳро пайравӣ кунам, умедворам, ки Ӯ гуноҳҳои маро мебахшад ва ба биҳишт мебарад. Мазмуни ҳаёти ман ҳамин аст».

Марди дигар ҷавоб дод: «Ман низ ба фармудаҳои Худо итоат кардан мехоҳам. Вале метарсам, ки Ӯ маро ба дӯзах мепартояд. Вай аллакай гуноҳҳои маро бахшидааст ва ваъда додааст, ки маро ба биҳишт барад. Бинобар ин, ман, ки ҳоло дар замин ҳастам, аз шинохтани Ӯ шодам, муҳаббати Ӯро ҳис мекунам ва ҷавобан ба он Ӯро дӯст медорам. Ман ҳар рӯз барои Ӯ зиндагӣ кардан мехоҳам. Мазмуни ҳаёти ман аз ҳамин иборат аст».




1 Фикрронӣ кардан дар бораи ҳаёти худ заҳмат талаб мекунад. Мо аз мушкилиҳои ҳозираи ҳаёти худ азоб мекашем ва ояндаро фикр карда хавотир мешавем. Дар Хушхабар (*Инҷил*) Худованд Исои Масеҳ ваъдаи бузург додааст, ба ҳамаи мо нигаронида шудааст:

> «Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид» (Матто 11:28)

Тасаввур кунед, ки Исои Масеҳ шахсан ба шумо бо чунин суханон муроҷиат кардааст! Онро то аз ёд кардан такрор кунед. Сипас ҷойҳои холиро пур кунед:

«Назди Ман оед, эй ҳамаи_______________ва __________________, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид»

2 Худованд Исои Масеҳ вақте ки дар замин зиндагӣ мекард, ин суханонро ба забон оварда буд. Ӯ одамонро даъват карда гуфт: «Маро пайравӣ кун». Баъзе аз онҳо хурсандона розӣ шуданд ва пайрави Масеҳ гардиданд. Дигарон рад карданд. Масеҳ имрӯз низ зинда аст. Ӯ алҳол низ моро даъват мекунад. Ӯ чӣ мегӯяд? «Маро_________________».

Пайрави Исои Масеҳ шудан

3 Биёед мефаҳмем, ки чӣ тавр пайрави Исои Масеҳ шудан мумкин аст. Мо аз Шимъӯни Петрус, ки яке аз аввалинҳо шуда, пайрави Масеҳ гардида буд, ибрат мегирем. Биёед дар бораи ин аз Каломи Худо мехонем:

Лук 5:1-11: "Боре, вақте ки мардуми бисьёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки Каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, Ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод. Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: "Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед". Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: "Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам". Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд ки зери об раванд. Шимъӯни Петрус, чун инро дид, пеши Исо зону зада, гуфт: "Худовандо! Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гуноҳкор ҳастам". Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне ки ба даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд. Ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки шарикони Шимъӯн буданд. Ва Исо ба Шимъӯн гуфт: "Натарс; минбаъд одамонро сайд хоҳӣ кард". Ва ҳар ду қаиқро ба соҳил баровarданд, ва ҳамаро тарк карда, аз ақиби Ӯ равона шуданд."

(Луқо 5:1-11, Китоби Муқаддас)

Агар ин порчаро пурра хонда бошед, бо аломати (✓) дар ин ҷо □ ишора кунед ва дарсро давом диҳед.

4 Чунин ба назар мерасад, ки барои пайрави Масеҳ шудан Шимъӯни Петрус чор қадам гузоштааст. Маҳз бо воситаи ҳамин чор қадам имрӯз низ одамон пайрави Худованд Исо мегарданд. Акнун биёед онро меомӯзем.

**Қадами Якум: Аз гуноҳ рӯй гардонидан**.

Вақте ки Шимъӯн ин мӯъҷизаро дид, ӯ ба ҳайрат афтод. Ӯ покии Худованд Исоро дар муқобили гуноҳи худ эътироф кард. Ӯ ба Исо чӣ гуфт? «Худовандо! аз ман бирав, чунки ман як шахси _______________ҳастам» *(Ба порчаи боло сархати охир нигаред).*

5 Шимъӯн дарк кард, ки вай як «шахси гунаҳкор» аст. Шояд вай қотили касе набуд, ба зани худ хиёнат накарда буд, вале Исо умқи дили вайро медонист. Шимъӯн айбу гуноҳи пинҳонии худро аз Худованд руст карда наметавонист.

Шумо чӣ? Оё шумо гуноҳҳои рустӣ доред, ки агар дар назари ҳама ошкор шаванд, аз шармандагӣ ба мурдан наздик мешавед? Шояд, айбу гуноҳи худро аз ҳамсоя ё аъзоёни оила пинҳон дошта тавонед, вале аз Исо пинҳон карда наметавонед. Чуноне ки духтур тамоми устухонҳои бадани шуморо бо нури рентгенӣ дида метавонад, Исо ҳама айбу гуноҳи шуморо равшан дида метавонад!

- *Таваққуф кунед ва аз Исои Масеҳ хоҳиш кунед, ки тарафҳои торики ҳаётатонро ба шумо нишон диҳад*.

6 Ба ростӣ, ҳар як одам бо гуноҳ олуда аст. Чӣ тавре ки Умари Хайём гуфтааст,

«Нокарда гуноҳ дар ин ҷаҳон кист, бигӯ?
В-он кас ки гунаҳ накард, чун зист, бигӯ?
Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас фарқи миёни ману ту чист бигӯ!»

Оё касе гуноҳи худро аз Худо руст карда метавонад? [Ҳа / Не]
*(Ҷавоби дурустро давра кашед)*

*7* Пештар шуморо таълим додаанд, ки Худо он касонеро дӯст медорад, ки пок ҳастанд ва аз касоне, ки бадӣ мекунанд, нафрат дорад. Вале магар Исо, Покии Мутлақ, Шимъӯни гуноҳкорро бад медид? Мутааҷҷибона – не! Исо ба Шимъӯн чӣ гуфт? *(Ба порчаи саволи сеюм нигаред ва ҷавоби дурустро қайд кунед)*

___ а) «Аз ман дур шав»

___ б) «Натарс»

8 Шимъӯн чӣ гуна сабукиро ҳис кард, вақте ки Исо ба ӯ гуфт: «Натарс»! Агар шумо худро мисли Петрус гунаҳкор ҳис кунед, ноумед нашавед. Исо тайёр аст, ки шуморо аз ҳама гуноҳ пок созад!

Ба ин ду шахси мухталиф нигоҳ кунед:




*Тоҳир*




*Алӣ*

Кадоме аз ин гуна одамонро Исои Масеҳ пок месозад: Тоҳири ҳавобаланд ё Алии хоксорро?
________________________________________

9 Худованд Исо гуфтааст: «*Ман омадам, ки ... гунаҳкоронро ба тавба даъват кунам»* *(Луқо 5:32)*.
Маънои «Тавба» ин баргаштан ва ба дигар самт равона шудан аст. Ба ин ду одам нигоҳ кунед:

а) Кадоме аз онҳо тавба кардааст, 1. ё 2.? ____

б) Кадоме аз онҳо бо роҳи пештараи худ равон аст, 1. ё 2.? _____



**1.** **2.**

*10* «Тавба» пушаймонии оддӣ аз гуноҳи худ нест. Ин чунин маъно дорад, ки мо ба мисли расми 2 тамоман бояд <u>аз гуноҳ рӯй гардонем.</u> Пас, шаҳодати тавбаи ҳақиқӣ чӣ гуна аст? *(яке аз ҷавобҳоро қайд кунед)*

___ а) Надоштани ҳисси пушаймонӣ нисбати ҳаёти гуноҳкоронаи худ

___ б) Пушаймон шудан аз гуноҳ, вале дигар накардани тарзи ҳаёт

___ в) Аз гуноҳ комилан рӯй гардондан ва дигар кардани тарзи ҳаёт

11 Қадами аввалини Шимъӯн барои пайрави Масеҳ шудан аз чӣ иборат буд? Рӯй гардондан аз _____________.

Қадами дуюм: Фаҳмидани нарх

12 Қадами дуюми Шимъӯн дарк кардани нархи пайравӣ кардани Масеҳ буд. Шимъӯн бо интихоби душвор рӯ ба рӯ мешавад. Шояд, вай бо ду фикр мубориза мебурд:




Шимъӯн чиро фаҳмид? _____________ пайрави кардани Масеҳро.

13 Исои Масеҳ масалеро дар бораи он нақл кард, ки нархи пайрави кардани Ӯ чӣ қадар гарон хоҳад буд:

> «Боз Малакути осмон монанди тоҷирест, ки марворидҳои хуб меҷуст, Ва чун як марвориди гаронбаҳо ёфт, рафта, ҳар чӣ дошт, фурӯхт ва онро харид». (Матто 13:45-46)

Ба хотири пайравӣ кардани Масеҳ, аз кадом чизи қимматтарин, шояд, даст кашидани шумо лозим мешавад? Бо аломат як ё якчанд ҷавобро аз намунаҳои зерин ишора кунед: *(варианти ҷавобе, ки шахсан ба шумо дахл дорад)*

___ а) Аз обрӯ дар байни ҷамъият
___ б) Аз кор ё тиҷорати худ
___ в) Аз оилаи худ
___ г) Аз моликияти худ ё аз мерос
___ д) Дигар *(намунаҳои ҷавоби худро нависед)* ____________________

14 Аммо «марвориди қимматбаҳо» арзанда аст! Ва ба хотири Масеҳ чӣ гуна қурбоние, ки накунем, аз хотир набароред, ки Ӯ дар салиб баҳри мо фидокории боз ҳам бузургтареро ба амал овардааст! Ҳамин тавр, қурбонии кӣ бузургтар аст: мо ё Масеҳ? __________

> « Лекин Худо муҳаббати худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гунаҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд». (Румиён 5: 8)

Дарсҳои 9 ва 10 мефаҳмонанд, ки чӣ тавр Исои Масеҳ ҳангоми таъқибот ба мо ёрдам карда метавонад.

Қадами сеюм: Эътимод кардан ба Масеҳ

15 Барои пайрави Масеҳ шудан, ба Шимъӯн лозим шуд, ки якум, аз гуноҳ рӯй гардонад, ва дуюм нархи пайрави кардани Масеҳро дарк кунад. Сипас ӯ ба қадами сеюм омад, ки эътимод кардан ба Масеҳ мебошад.

Дар саволи сеюм мо ҷумлаи охирини порчаамонро аз нав мехонем. Шимъӯн ва рафиқони вай дар ҷавоб ба даъвати Исо чӣ кор карданд? *(Ҷойҳои холиро пур кунед)*

«Ва ҳар ду қаиқро ба соҳил баровარданд ва ҳамаро ____________ карда аз ақиби Ӯ ________ шуданд»

16 Шимъӯн ба хӯҷаини нави худ Исо пурра бовар кард.

Чӣ тавр мо дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба касе бовар мекунем? Инак, баъзе мисолҳо:

- ✓ ***Бачае, ки монда шудааст,*** ба падари худ бовар мекунад, то ки ӯро дар дастони худ гирфта барад.
- ✓ ***Бемор*** ҳангоми муолиҷа ба табиб бовар мекунад.
- ✓ ***Мусофир*** ҳангоми сафари хатарнок ба ронанда бовар мекунад.

Монанди бача, бемор ё мусофир вақте ки мо худро ба дастони Исо месупорем, ба Ӯ бовар карда метавонем. Мо дар он ба Ӯ эътимод мекунем, ки Ӯ моро ҳимояту роҳнамоӣ мекунад. Мо ба Ӯ ҳамчун ба Хоҷаи худ итоат мекунем.

Қадами сеюм дар роҳи пайрави кардани Масеҳ аз чӣ иборат аст?

1. Аз гуноҳ рӯй гардондан
2. Фаҳмидани нархи пайравӣ
3. __________ Ба Масеҳ

17 Пас аз он ки Шимъӯни Петрус ба Исо эътимод кард, вай ба саёҳати тӯлонии сесола раҳсипор шуд. Ӯ ҳангоми шодӣ ва ғам ҳамроҳи Хоҷаи худ буд. Ӯ дид, ки чӣ тавр Исо беморонро шифо медиҳад, ва ҳатто мурдагонро зинда мекунад! Ӯ ба монанди Исо дӯст доштани одамонро ёд гирифт. Зина ба зина Шимъӯни шогирд ба устоди худ беш аз беш монанд мешуд. Баъдтар ӯро бо номи дуюмаш, ки Петрус буд, мешинохтанд.

Чӣ тавр Шимъӯни Петрус пайрави Исо шуд? *(Ҷавоби дурустро қайд кунед)*

___ а) Ба Масеҳ эътимод карда

___ б) Бо воситаи такрор кардани дуои тавба

18 Чуноне ки медонед, шогирд амали устоди худро такрор карда, аз вай меомӯзад. Маҳз бо ҳамин тарз Шимъӯн шогирди Исо шуд.

Вақте ки мо пайравӣ кардани устоди худ - Исоро сар мекунем, моён низ шогирди Ӯ шуда метавонем. Гарчанде ки мо Ӯро бо чашмони худ дида наметавонем, амалеро, ки Ӯ иҷро мекунад, такрор карда метавонем, ва ба Ӯ монанд мешавем. Иштирок кардан дар кори Ӯ барои мо шараф аст.

Қадами сеюм барои пайрави Масеҳ шудан кадом аст?_________________ Ба Масеҳ.



Қадами чорум: ҳамроҳ шудан ба ҷамоати Масеҳ

19 Вақте ки Шимъӯн даъвати Исоро пайравӣ кард, вай танҳо набуд. Вай ба ҷамоати Масеҳ шомил шуд. Шогирдони Масеҳ дар як гурӯҳ муттаҳид шуда, ҳамроҳ зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба қавмҳои гуногун ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ мансуб буданд. Вале онҳо ба якдигар муҳаббат карданро омӯхтанд.

Ин осон набуд. Баъзан онҳо баҳс мекарданд. Вале онҳо баҳсу талоши худро ҳал карда, якдигарро мебахшиданд. Шимъӯни Петрус медонист, ки он касе, ки ба Масеҳ мансуб аст, бояд ба ________________ Ӯ ҳамроҳ шавад.

*Зарур аст, ки ҳар як имондор ба ҷамоати Масеҳ ҳамроҳ шавад!* Оиди ин мо бештар дар дарси ҳафтум хоҳем донист.

20 Исо Масеҳ Шимъӯнро даъват кард, ки пайрави Ӯ шавад. Кадом чор қадамро ба ӯ лозим шуд, ки иҷро кунад?

1. _____________ _______________ аз гуноҳ
2. _____________ нарх
3. _____________ ба Масеҳ
4. _____________ _______________ба ҷамоати Масеҳ



Ҳамин тавр, шумо шахсан аз дарси имрӯза чӣ фаҳмидед?

- ***Шояд, шумо аллакай пайрави Масеҳ мебошед?*** Агар чунин бошад, пас ин курс барои ба камол расидан дар Масеҳ ба шумо ёрӣ мерасонад.
- ***Шояд, шумо ҳоло омодагии худро барои пайрави Масеҳ шудан эҳсос кардед?*** Пас бо муаллими худ дар алоҳидагӣ сӯҳбат кунед, ва ӯ барои қабул кардани ин қарор ба шумо кӯмак мекунад.
- ***Шояд, шумо барои андеша кардан дар бораи ин қарори муҳим вақти бештар ҷудо кардан мехоҳед?*** Хуб, вале барои ин вақти зиёд сарф накунед, чунки барои қабул кардани қарор дер шуданаш мумкин аст. Агар хоҳиш дошта бошед, омӯзиши ин курсро давом дода метавонед, вале пас аз он ки барои пайрави Масеҳ шудан қарор қабул мекунед, ин курс ба шумо бештар фоида мебахшад.

## ДАРСИ 1. СУПОРИШИ АМАЛӢ

Дар давоми ин ҳафта ҷои хилват ёфта, ба таври ҷиддӣ дар бораи саволҳои зерин фикру мулоҳиза кунед. Оё шумо аллакай пайрави Масеҳ мебошед? Ё барои пайрави Ӯ шудан омода ҳастед? Ё барои андеша кардан оиди ин қарор вақти бештар ҷудо кардан мехоҳед?

Акнун биёед аз дарси гузаронидашуда хулосабарорӣ мекунем.

## ДАРСИ 1. ХУЛОСА

1. Чӣ гуна даъвати бузурги Исои Масеҳро шумо аз Матто 11:28 аз ёд кардед? *(Агар фаромӯш карда бошед, ба саволи 1 нигаред)*

«Назди Ман оед, эй ҳамаи ____________________________________________________»

2. Чор қадамеро номбар кунед, ки барои пайрави Масеҳ шудан гузоштан лозим аст:

1. ______________ ___________аз ____________
2. Д_____________ н___________
3. Э___________ба М___________
4. _____________ _____________ ба ______________ Масеҳ.

# ДАРСИ 1. ҶАВОБҲО

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | заҳматкашон, гаронборон | | | |
| 2 | пайравӣ | | | |
| 3 | порчаро хонед | | | |
| 4 | одами гунаҳкор | | | |
| 5 | ҷавоби шахсӣ | | | |
| 6 | Не | | | |
| 7 | б) | | | |
| 8 | одами фурӯтанро | | | |
| 9 | а) расми 2 | б) расми 1 | | |
| 10 | в) | | | |
| 11 | гуноҳ | | | |
| 12 | нархи | | | |
| 13 | ҷавоби шахсӣ | | | |
| 14 | Масеҳ | | | |
| 15 | тарк карда... равона | | | |
| 16 | эътимод | | | |
| 17 | а) | | | |
| 18 | эътимод | | | |
| 19 | ҷамоати | | | |
| 20 | 1. Рӯй гардондан аз гуноҳ | 2. Донистани нарх | 3. Эътимод ба Масеҳ | 4. Ҳамроҳ шудан ба ҷамоати Масеҳ |

# Дарси 2 <u>Ҳаёти нав дар Масеҳ</u>

Шахсе, ки пайрави Масеҳ мегардад, на танҳо дуои эътирофи имонро баён мекунад. Вай ҳаёти комилан навро пайдо мекунад! Ин ҳаёт иборат аст аз:

A. Шахсияти нав
B. Таваллуди нав
C. Табиати нав



1 Биёед аз як қисми Китоби Муқаддас, ки «Номаи якуми Петрус» ё ба таври кӯтоҳ 1 Петрус меноманд, дар бораи ин ҳаёти наву гуворо мефаҳмем. Шимъӯни Петрус, ки дар дарси якум дар борааш сӯҳбат кардем, аз рӯи илҳоми илоҳӣ ин номаро навиштааст. Ин нома бо чунин суханон сар мешавад:

| «Петрус, ки ҳаввории Исои Масеҳ аст» (1 Петрус 1:1) |
|---|

Петрус худро кӣ мегӯяд? *(Ҷавоби дурустро қайд кунед)*

___ а) Шогирд ___б) Ҳавворӣ ___в) Набӣ

2 Дар Китоби Муқаддас калимаи «ҳавворӣ» шахсеро мефаҳмонад, ки бо супориши махсус фиристода шуда буд (ин на он шахсест, ки китоби муқаддас ба вай нозил шудааст). Худованд Исо дувоздаҳ нафарро интихоб кард, онҳоро таълим дод ва бо супориши махсус фиристод. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳоро «ҳавворийн» меноманд. Сардори онҳо ҳавворӣ Петрус буд.

Кадом қисми Китоби Муқаддасро дар давоми ин курс меомӯзем? Номаи якуми ҳавворӣ _______

3 Ояти якуми номаи 1 Петрус ба мо мегӯяд, ки аз тарафи кӣ бо роҳбарии Худо ин нома навишта шудааст. Ҳамчунин дар ин ҷо гуфта шудааст, ки ин номаро кӣ гирифтааст. Онҳо пайравони Масеҳ буданд, сокинони кишваре буданд, ки мо ҳоло Туркия меномем. Дар ин нома Петрус онҳоро «интихобшудагон» номидааст.

➢ *Таваққуф намоед ва шукргузорӣ кунед, ки Ӯ моро интихоб кардааст!*

4 Дар ҳамон оят ӯ онҳоро «ғарибон» номидааст. Шояд ҳоло шумо дур аз ватани худ зиндагӣ мекунед. Ва ё шояд дар ватани худ сокин ҳастед, вале ба сабаби рад карда шудан аз оилаи худ дур мебошад. Ин қисмати хеле сангин аст!

Вале ба ҳар ҳол, мо барои Худо кӣ ҳастем? Мо __________

**А) Шахсияти нави мо**

5 Бале, мо аз тарафи Худо «интихобшудагон» мебошем! Муҳити пештараи мо шояд моро рад кунад, вале *«Агар Худо тарафгири мо бошад, зидди мо кист?.. Кӣ <u>баргузидагони Худоро</u> айбдор мекунад?»* (Румиён 8:31, 33). «*Магар Худо баргузидагони Худро рӯзу шаб ба даргоҳи Ӯ зорию илтиҷо мекунанд, муҳофизат намекунад?”* (Лука 18:7)

Чун пайравони Масеҳ мо кӣ ҳастем? (*Ҷавоби дурустро қайд кунед*)

___ а) Интихобшудагони Худо ___б) Беимонҳо

___в) Гумроҳшудагон

6 Дар ояти навбатӣ навишта шудааст: *«мувофиқи таъиноти пешакии Худои Падар... интихоб шудаанд»* (1Петрус 1:2)

| |
|---|
| Инак, ҳикоя дар бораи писарбачае, ки волидайни ҳақиқии худро гум кардааст. Ҷуфти дигар вайро писархонд карда, тарбия намудаанд. Аз ин рӯ боре писарбачагони дигар ӯро масхара карданд. Ӯ гуфт: «Не, ман чунин мешуморам, ки аз шумоён дида ман ифтихори бештар дорам. Падаронатон шуморо интихоб накардаанд, вале падарам маро чун писари ҳақиқии худ интихоб кардааст! |

Чӣ ифтихори бузургест интихобшудаи Худо будан! Оё мо бо туфайли корҳои неки худ ба ин сазовор гардидаем?

[Ҳа / Не]

7 Худо аз рӯи муҳаббати Худ моро интихоб кардааст, на аз он сабаб ки мо ба ин сазовор ҳастем. Ҳамчунин дуруст аст, ки мо пайравӣ кардани Худоро ба воситаи Исои Масеҳ азм кардем. Бо ким-кадом тарзе интихоби Худо ва қарори мо якҷоя амал мекунанд.

Шахсияти нави мо дар Масеҳ аз чӣ иборат аст? Мо ________________________________ Худоем.

Б) Ҳаёти нави мо

8 Шумо фарқияти байни кирми муқаррарӣ ва кирми пилларо медонед. гарчанде онҳо хеле монананд, вале сахт фарқ ҳам доранд. Кирми муқаррарӣ бе ягон дигаргунӣ то лаҳзаи мурдан мехазад. Кирми пилла бошад, таъғиротҳои гуногунро аз сар мегузаронад. Вай намемирад, вале ба чӣ табдил меёбад? *(Ба расм ниг.)* _______________



9 Магар ҳайратовар нест, ки кирмаки бадафт, ки дар болои баргҳо мехазид, акнун ба шапараки зебо, ки дар фазо болу пар мезанад, табдил ёфт?

Дар кирми пилла чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал меояд? Он «__________ ба худ хоси навро» пайдо мекунад.

10 Шумо бошед пайравони Исои Масеҳ гардидед? Вақте ки ба оина назар мекунед, ҳамон одамеро мебинед, ки пештар будед, вале ин танҳо намуди зоҳирӣ аст. Дар асл, дигаргуниҳое, ки дар даруни шумо ба амал омадааст, бузург мебошад, чуноне ки кирми пилла ба шапарак табдил меёбад. Ин таъғироти аҷоиб дар Масеҳ «ҳаёти нав» номида мешавад.

Кӣ чунин ҳаёти навро пайдо мекунад? *(Як ҷавоброи қайд кунед)*

____ а) Ҳар касе, ки дар кишвари мо зиндагӣ мекунад
____ б) Ҳамаи он касоне, ки шахсан ба Масеҳ эътимод кардаанд
____ в) Ҳар касе, ки дар оилаи Масеҳӣ таваллуд шудааст

11 Дар ояти навбатии 1 Петрус дар бораи ҳаёти нав гуфта шудааст:

| |
|---|
| «Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки бо марҳамати бузурги Худ ба василаи эҳёи Исои Масеҳ аз мурдагон моро аз нав ба вуҷуд овард барои умеди зинда» (1 Петрус 1:3) |

Мутобиқи ин оят кӣ ба мо ин ҳаёти навро додааст?

____ а) Худо бо марҳамати бузурги Худ
____ б) Худи мо бо воситаи корҳои неки худ онро пайдо кардаем
____ в) Одами пок, ба туфайли дуоҳои вай дар ҳаққи мо

Оё шумо ин Ҳаёти Навро доред?

12 Худо ин ҳаёти навро ба ҳама пешниҳод мекунад, вале на ҳама қабул мекунанд. Нигоҳ кунед, духтур ба беморон чӣ мегӯяд ва онҳо ба вай чӣ ҷавоб медиҳанд:




Кадоме аз ин се беморон, А. Б. ё В. Шифо меёбад? __________

*13* Ба ҳамин монанд, кадоме аз ин се шахсони зерин ҳаёти навро дар Масеҳ пайдо мекунанд? *(Як ҷавоброқайд кунед)*

___ а) Он кас, ки мегӯяд: «Ман ба таълимоти Ту бовар дорам, эй Масеҳ, вале аз Туро қабул кардан ба ҳаёти худ метарсам»

___ б) Он кас, ки мегӯяд: «Ман ба ту бовар надорам»

___ в) Он кас, ки мегӯяд: «Ман ба Ту бовар дорам, эй Худованд Исо. Ман ба ту эътимод дорам. Лутфан, ба ҳаёти ман дохил шав».




В) Табиати нави мо

14 Мо ҳамчун пайравони Масеҳ дар бораи «шахсияти нав» ва «ҳаёти нав»-и худ донистем. Исои Масеҳ ҳамчунин ба мо «табиати нав»-ро медиҳад, ки табиати шахсии Ӯ мебошад.

Бисёр одамон, ки баромади иҷтимоиашон ба шумо монанд аст, пайрави Масеҳ шудаанд. Инак, баъзе аз онҳо оиди тағйироти мусбие, ки Исо дар ҳаёти онҳо ба вуҷуд овард, нақл мекунанд:

| | |
|---|---|
| ***Самад:*** | «Ҳаёт дар Масеҳ шодӣ ва хушбахтӣ меорад» |
| ***Рустам:*** | «Исо ба ман оромӣ ва хурсандӣ медиҳад» |
| ***Сабрина*** | «Ғаму ташвиши ман нест шуданд» |

| | |
|---|---|
| ***Зӯҳро:*** | «Аз тарсу воҳима озод шудам» |
| ***Дина:*** | «Ман медонам, ки Худо маро, чуноне ки ҳастам, қабул мекунад» |
| ***Арман:*** | «Гузаштаи ман бо ранги сиёҳ, бо бӯи алкогол, зан ва гуноҳ олуда буд. Ҳозираи ман бо рангҳои равшан оро ёфтааст ва аз шодӣ ва оромӣ пур аст» |
| | *(Аз «Исо бузургтар аз паёмбар аст», муаллиф Ралф Уоттон)* |

Инҳо ҳама шахсони воқеианд. Кадом дигаргуниҳо дар ҳаёти онҳо ба вуҷуд омаданд? *(Як ҷавобро қайд кунед)*

___ а) Исои Масеҳ ба онҳо табиати навро бо бисёр дигаргуниҳои мусбии он бахшид

___ б) Ҳаёти онҳо аз пештара бадтар гардид

___ в) Дар табитаи пештараи онҳо ҳеҷ чизе дигар нашуд

15 Исои Масеҳ ба ҳамаи ин пайравони Худ табиати нави Худро медиҳад. Ба монанди онҳо мо низ <u>ҳиссиёти</u> нави хурсандӣ ва оромиро пайдо карда метавонем. Вале ҳиссиётҳои мо чизи асосӣ намебошанд. Аз ҳама муҳимтар – ин ҳамон дигаргуниҳое, ки Исо дар <u>хислати</u> мо ба амал меорад. Инак, баъзе мисолҳо аз ҳаёти воқеӣ:

| | |
|---|---|
| ***Пӯлод:*** | «Исо ба ман кӯмак кард, ки тамокукаширо бас кунам» |
| ***Носир:*** | «Исо ғурури маро нисбати одамон дигар кард» |
| ***Руслан:*** | «Шарм ва ноҳинҷории ман нест шуданд» |
| ***Рашид:*** | « Ман авбоширо бас кардам» |
| ***Замира:*** | «Ман бо одамони дигар унс гирифтам» |
| ***Зарина:*** | «Рӯҳи хидмат ҷои ғурур ва худписандии маро гирифт» |
| ***Фатима:*** | «Ман дар бизнес ба Худованд такя карданро ёд гирифтам ва акнун аз рӯи виҷдон кор мекунам» |
| ***Марям:*** | «Ман ба одамони дигар барои дарки муҳаббати Масеҳ кӯмак мекунам» |
| | *(Аз «Исо бузургтар аз паёмбар аст», муаллиф Ралф Уоттон)* |

Чӣ гуна дигаргуниҳои воқеиро Масеҳ ба ҳаётатон овард? Фикрҳои худро нависед ва барои муҳокимаронӣ тайёр бошед: ________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

16 Агар шумо таъғиротҳои дар боло зикршударо зуд дар ҳаёти худ эҳсос накарда бошед, хавотир нашавед. Ба қадри он ки шумо дар Масеҳ ба камол мерасед, он дигаргуниҳо зина ба зина ба ҳаёти шумо меоянд. Барои то ба дараҷаи шахси калонсол ба воя расидани кӯдак солҳои зиёд мегузаранд, ба ҳамин монанд, пас аз пайдо кардани «ҳаёти нав» барои аз ҷиҳати рӯҳонӣ ба камол расидан солҳои зиёд лозим мешаванд.

Вале азбаски Исо дар шумо зиндагӣ мекунад, «табиати» киро беш аз беш дар худ мушоҳида мекунед?

___ а) Табиати кӯҳнаи гуноҳкоронаи худро __ б) Табиати Масеҳро

Муҳорибаи рӯҳонии мо

17 Гарчанде ки мо табиати навро дар Масеҳ дорем, ҳамчунин мо бояд бар зидди табиати кӯҳнаи худ ҳар рӯз тамоми умр мубориза барем! Каломи Худо ба мо чунин фармоиш медиҳад:

> «Аммо акнун шумо ҳамаи инҳоро: хашм, ғазаб, кина, бадгӯӣ ва алфози қабеҳи забонатонро тарк намоед. Ба якдигар дурӯғ нагӯед, дар ҳолате, ки одами кӯҳнаро бо аъмоли вай <u>«аз худ дур кардаед»</u>. Ва одами навро <u>«дар бар кардаед»</u>, ки вай дар дониш ва шабоҳати Офаринандаи худ нав мешавад.
>
> (Қӯлассиён 3:8-10)

Мутобиқи ин оятҳо, *(ҷавобҳои дурустро қайд кунед)*

а) Кадом табиатро мо «аз худ дур кардаем»?

[Табиати кӯҳна/ Табиати нав]

б) Кадом табиатро «дар бар кардаем»?

[Табиати кӯҳна/ Табиати нав]

18 Расмҳои дар поён овардашуда пайравони Масеҳро тасвир мекунанд, ки амалҳои гуногунро иҷро намудаанд. Агар шахсе дар расмҳо мутобиқи табиати кӯҳна рафтор карда бошад, дар ҷойҳои холӣ дар рӯ ба рӯи ҳар як ном «кӯҳна» нависед, ва агар табиати нави вай намоён шуда бошад, «нав» нависед:




Шахси а): Табиати_______

Шахси б): Табиати _______

Шахси в): Табиати ______

Шахси г): Табиати ______

19 Ҳар рӯз дар мо табиати нав, ки табиати Исо аст, бо табиати кӯҳнаи гуноҳкоронаи мо мубориза мебарад. Чӯпони оддӣ ин муборизаро чунин шарҳ дод: «Эҳсос мекунам, ки ду буз, яке сиёҳ ва дигаре сафед, дар ҳаёти ман бо якдигар ҷанг мекунанд». Шунавандаи ӯ пурсид: «Пас, кадом буз ғолиб меояд?» Ӯ ҷавоб дод: «Ҳамон буз, ки мл бештар хӯрок медиҳем»!

- *Дар бораи масали чӯпон андеша кунед. Бузи сиёҳ табиати кӯҳнаи моро тасвир мекунад, бузи сафед бошад, табиати нави моро*. Кадом буз имрӯзҳо дар ҳаёти мо ғолиб меояд? Барои чӣ? Барои муҳокимаронӣ оид ба ин тайёр бошед.



Биёед аз дарси имрӯза дар хотир медорем, ки чӣ қадар афзалиятҳои бузургеро мо дар Масеҳ дорем:

- Мо чун интихобшудагони Худо <u>шахсияти навро</u> дорем
- Мо ба мисли он ки кирми пилла ба шапарак табдил меёбад, <u>ҳаёти навро</u> пайдо кардаем
- Бо кӯмаки Масеҳ <u>табиати нави</u> мо зина ба зина табиати кӯҳнаи моро иваз мекунад.

20 Ояти зерин аз Каломи Худо донишҳои имрӯз аз худ кардаамонро ҷамъбаст мекунад:

«Пас, касе, ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст ва инак ҳама чиз нав шудааст!»
(2 Қӯринтиён 5:17)

Ҷойҳои холиро пур кунед ва то аз ёд кардан оятро такрор кунед:
«Пас, касе ки дар _________ аст, махлуқи _____________; чизҳои __________ гузаштааст ва инак ҳама чиз _________ шудааст! » (2 Қӯринтиён 5:17)

Акнун ин дуоро хонед:

***«Худовандо!***
***Бо марҳамати бузурги Худ, Ту моро халқи интихобшуда гардонидӣ – ташаккур ба Ту!***
***Ташаккур, ки ба мо ҳаёти нав ва табиати нав додӣ.***
***Бо қуввати Масеҳ ба ман ҳар рӯз дар мубориза бо табиати кӯҳнаи гуноҳкоронаи ман ёрӣ деҳ.***
***Омин»***



## ДАРСИ 2. СУПОРИШИ АМАЛӢ

Рӯихати се таъғироти мусбиро, ки ба туфайли табиати нави шумо дар ҳаётатон ба вуҷуд омад, тартиб диҳед. Худоро барои ин дигаргуниҳо шукр гӯед. Ҳамчунин рӯихати се одате, ки дар ҳаёти шумо то ҳол аз табиати кӯҳна боқӣ мондааст, тартиб диҳед. Ин ҳафта бо ёрдами Худо бар зидди ин одатҳои бад мубориза баред.

## ДАРСИ 2. ХУЛОСА

1 а) Вақте ки одам ба Масеҳ эътимод мекунад, дар ҳаёти ӯ чӣ воқеа рӯй медиҳад?
___________________________меёбад.

б) Мо ҳамчун пайравони Масеҳ кадом шахсияти навро пайдо мекунем?
________________ _______________

2 Мубориза рӯҳонии мо дар байни табиати [кӯҳнаи /нави] гуноҳкоронаи мо ва табиати [кӯҳнаи / нави] мо дар Масеҳ бурда мешавад
*(Ҷавобҳои нодурустро хат занед)*

3 Ду мисоли дигаргуниҳоеро биёред, ки Масеҳ дар ҳаёти пайравони Ӯ ба вуҷуд оварда метавонад
*(Агар мисолҳоро оварда натавонед, пас ба саволҳои 11-12 нигоҳ кунед)*:
_______________________________________________

4 2 Қӯринтиён 5:17- ро ба хотир оварда, ҷойҳои холиро пур кунед :
*«Пас, касе, ки дар ____________ аст, махлуқи ___________; чизҳои____________ гузаштааст, ва инак ҳама чиз ____________ шудааст! »*

## ДАРСИ 2. ҶАВОБҲО

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | б) | | | |
| 2 | Петрус | | | |
| 3 | ҷавоби шахсӣ | | | |
| 4 | Халқи интихобшуда | | | |
| 5 | а) | | | |
| 6 | Не  (Вале агар шумо ба ин розӣ нестед, бо муаллиматон оиди ин сӯҳбат кунед) | | | |
| 7 | интихобшудагон | | | |
| 8 | шапарак | | | |
| 9 | ҳаёт | | | |
| 10 | б) | | | |
| 11 | а) | | | |
| 12 | в) | | | |
| 13 | в) | | | |
| 14 | а) | | | |
| 15 | барои муҳокимаронӣ тайёр бошед | | | |
| 16 | б) | | | |
| 17 | а) табиати кӯҳна | б) табиати нав | | |
| 18 | а) нав | б) нав | в) кӯҳна | г) кӯҳна |
| 19 | барои муҳокимаронӣ тайёр бошед | | | |
| 20 | оятро аз ё кунед | | | |